Тақриз

ба рисолаи номзадии Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи «Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот), 13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ

Пажуҳишҳое, ки донишмандону методистони пуртаҷриба перомуни методҳои инноватсионии таълими ва муносибати босалоҳият ба таълим анҷом додаанд, сарчашмаи илҳоми муҳаққиқони минбаъда гардидааст. Бо истифода аз назариёти илмии онҳо рӯ овардан ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни методҳои инноватсионии таълим ва дар ин замина нишон додани роҳу усулҳои гуногун аз пажуҳишҳои замони муосир ба шумор меравад. Инчунин баррасии паҳлуҳои мухталифи методҳои таълим дар ҳама даврахо ҷиҳати нишон додани ташаккули таърихии он, аз ҷумла усулҳои таълими замони гузашта ва муқоисаи он ба даврони муосир ва пешниҳодоти судманд дар ин замина барои рушди соҳа мусоидат мекунад. Аз ин ҷост, ки пажӯҳиш дар мавзуи мазкур саривақтӣ буда, махсусан, дар замони муосир барои боз ҳам қувват додани ҳувияти миллӣ созгор мебошад. Таҳия ва татбиқи усулҳои муассири таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар низоми маорифи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи хеле мубрам ба ҳисоб меравад.

Тадқиқоти мазкур аз муқаддима шуруъ шуда, дар се боб ва ҳашт фасл таҳлилу баррасӣ гардида, бо хулоса, рӯйхати адабиёти илмӣ ва замимаҳои пешниҳодшуда анҷом ёфта, 177 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима доир ба масоили мубрам будани мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ, дараҷаи пажуҳиши мавзуъ, манбаи тадқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, навгонӣ ва ғайра ба таври мушаххас баён шудааст. Мақсади муаллиф дар муқаддима ва се боби кор ба таври муфассал баён гардида, муаллиф онро дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст.

Барои муайян кардани омилҳои муассир дар таҳияи усулҳои таълими алифбои ниёгон дар таҳқиқот таҳлили муқоисавии китобҳои дарсии забони форсӣ барои макотиби миёнаи Эрон ва забони дарӣ дар

Афғонистон, ки дар давраҳои мухталиф ба табъ расидаанд, сурат гирифтааст. Инчунин, нарасидани кадрҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси дахлдор, паст будани сатҳи тайёрии омӯзгорон, нокифоя будани миқдори соатҳои таълимӣ ва ғайра зикр шудааст. Диссертант дар ин қисмат барои самаранокии таълими алифбои ниёгон ба хонандагон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим чанде аз пешниҳодоти муфид низ баён менамояд. Барои ба даст овардани вазифаҳои дар назди худ гузошташуда аз методҳои педагогӣ-психологӣ, забоншиносӣ, мушоҳидаи дарсҳо, пурсиши омӯзгорон, озмоиши педагогӣ ва коркарди омории маълумот истифода кардааст. Тадқиқот дар се марҳила (соли 2014 то соли 2021) анҷом дода шуда, муҳаққиқ зимни гузаронидани пажуҳиш тарзу усулҳои таълим, гузаронидани семинарҳои машвараті бо омӯзгорон, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳоро таҳлил намудааст.

Боби якуми рисола «Таърихи ташаккул ва рушди таълими алифбои ниёгон дар Тоҷикистон ва нақши он дар ташаккул ва рушди ҳувияти миллӣ ва худшиносии насли наврас» унвон гирифта, дар ду фасл баррасӣ гардидааст.

Фасли аввал "Аз таърихи таълими хатти ниёгон дар Тоҷикистон ва нақши он дар ташаккул ва рушди ҳувияти миллӣ ва худшиносии насли наврас" ном дорад. Диссертант зимни баррасии ин фасл саравваал ба таҳаввулоти сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда, баъдан табдили хатро дар даҳсолаи аввали барқароршавии Ҳукумати Шуравӣ, қатъ гардидани таълими алифбои ниёгон ва танҳо баъди таъсиси шуъбаи шарқшиносии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва факултети таъриху филология бо шуъбаи забонҳои Шарқ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ медиҳад. Хидматҳои олимони русу донишмандони тоҷикро ёдовар мешавад ва аз аз ду асари мондагор – китоби профессор, М.Н. Қосимова таҳти унвони "Хат ва имлои матни классикии тоҷик" ва "Забони форсӣ"-и профессор Ҳилол Каримов ёдовар мешавад. Инчунин доир ба таълими алифбои ниёгон дар солҳои баъдӣ ва муқоисаи он ба таълими ин фан дар кишварҳои ҳамсояи форсизабон сурат гирифтааст.

Масъалаи дигаре, ки диссертант ба он таваҷҷуҳ мекунад, кам будани миқдори соатҳои таълимии фанни алифбои ниёгон мебошад, ки дар ду соли таҳсил 136 соатро ташкил медиҳад ва он ба маротиб камтар буда, имкон намедиҳад, ки дар ҷараёни таълими он ҳамаи малакаҳо ва салоҳиятҳои хонандагон оид ба истифодаи ин алифбо дар

ҳаёти ҳамарӯза ташаккул ва рушд дода шаванд. Муҳаққиқ бо ҳама ин мушкилот ва печидагиҳо пешниҳод менамояд, ки омӯзгорон таълими ин фанро шавқовар ва шавқу ҳавас ва меҳри хонандагонро ба омӯзиши ин хат бештар намоянд.

Баъдан, бо далелҳо гузариш ба алифбои дигар, аз ҷумла ба алифбои ниёгонро кори сахл надониста, чунин иддаоро рад месозад.

Фасли дуюми боби якум "Таҳлили стандарту барномаҳои таълими алифбои ниёгон, зарурати таҷдиди назар ва ворид намудани тағйирот ба онҳо дар даврони истиқлолият" ном дорад. Диссертант сараввал ба он ишора менамояд, ки омӯзиши алифбои ниёгон (охири солҳои 80-ум) ғайрирасмӣ буд ва таълими он тавассути телевизиони тоҷик ва нашрияи "Адабиёт ва санъат" низ ба роҳ монда шуда, китобҳои гуногун барои худомӯзии алифбои ниёгон нашр гардида буданд. Баъдан, дар сатҳи расмии давлатӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар ҳамин солҳо омӯзиши алифбои ниёгон ба барномаи таълими муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ворид гардид ва таълими алифбои ниёгон дар шароити бисёр мураккаби сиёсиву иқтисодии солҳои навадуми асри гузашта сурат мегирифт. Бо дарназардошти шароити воқеӣ, мураттибони барнома кӯшиш ба харҷ дода буданд, ки кори омӯзгорро осонтар созанд. Маҳз ба ҳамин хотир онҳо тарзу усулҳои гуногуни ташкили дарсро низ дар барнома нишон дода буданд. Тибқи барнома дар синфҳои 5-7 барои таълими алифбои ниёгон 68-соатӣ ва барои синфҳои 8-9 34-соатӣ ҷудо шуда буд. Мавзуъҳои таълим дар синфҳои 5-9 ба тарзи умумӣ зикр гардида, муҳтавои асосии онро кор бо матн (хониш, бозгӯ, омӯзиши луғат, навиштан, такрор ва таҳкими қоидаҳои имло ва ғ.) ташкил додааст. Баъдан китобҳое, ки барои толибилмони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, барои синфҳои 3-4 таълиф гардида буданд, шарҳу тавзеҳ дода мешаванд.

Муҳаққиқ сабабҳои асосии ба натиҷаҳои дилхоҳ нарасиданро дар омӯзиши алифбои ниёгон дар тули солҳои навадуми қарни гузашта ва ибтидои солҳои 2000-ум аз кофӣ набудани шумораи омӯзгорони ин фан, ба таълими ин фан ҷалб шудани омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик, ки сатҳи дониши аксари онҳо низ аз ин фан кофӣ набуд, мавҷуд набудани китобҳои дарсӣ ва маводи иловагии таълим шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ба ақидаи ӯ таълими ин фан дар синфҳои 3-9 ба роҳ монда шуда бошад ҳам, китобҳои дарсӣ фақат барои синфҳои 3 ва 4 бо номи "Алифбо" ва 5-у 6 бо номи "Шамъ" солҳои навадуми қарни

гузашта ба табъ расида буданд. Дар солҳои баъдӣ, аз соли таҳсили 2005-2006 дар нақшаи таълими муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тағйирот ворид гардида, аз ҷумла, таълими ин фан дар синфҳои 4-7 ба андозаи ҳафтае як соат ба роҳ монда шуд. Дар маҷмуъ, тибқи нақшаи нави таълим миқдори соатҳои таълимӣ дар як сол 34 соат ва дар чор соли таҳсил 136 соатро ташкил дод. Китобҳои дар солҳои минбаъда нашршударо мавриди таҳлил қарор дода, ин китобу дастурҳоро арзишманд медонад. Ба мушоҳидаҳои диссертант яке аз сабабҳои паст будани сатҳи дониши хонандагон аз ин фан ҷудо шудани танҳо як соати таълимӣ дар як ҳафта будааст ва донише, ки хонанда аз дарс мегирифт, дар тули як ҳафта аксаран фаромӯш мегардад.

Баъдан, муҳаққиқ ба таҳлили вазъи кунунии стандарт, барнома ва китобҳои дарсии Алифбо ва матни ниёгон мепардозад. Ба ақидаи ӯ нақшаи таълими нав соли 2015 тасдиқ ва мавриди иҷро қарор гирифта бошад ҳам, дар таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон боз як мушкилии дигар ба миён омад. Ба фикри ӯ дар таълими ин фан фосила пайдо шудан, шароити кори омӯзгорони фанни Алифбо ва матни ниёгонро вазнинтар сохт: сол то сол (то соли 2018) миқдори соатҳои таълимӣ камтар мегардиданд. Масалан, агар соли 2015 ин фан тибқи Нақшаи таълими пешина дар синфҳои 5-7 таълим дода шавад, соли 2016 он дар синфҳои 6-7 ва соли 2017 танҳо дар синфи 7 таълим дода мешуд. Дар як муддати кӯтоҳ (се сол) гузаронидани машваратҳои августӣ ва курсҳои такмили ихтисос аз ин фан низ боздошта шуданд. Ҳамин тариқ, соли 2018 Стандарти фанни Алифбо ва матни ниёгон, Барномаи таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон китоби дарсии Алифбо ва матни ниёгон барои синфи 7 ва инчунин Роҳнамои омӯзгор аз фанни Алифбо ва матни ниёгон барои синфи 7 таҳия ва нашр гардиданд ва ҳамзамон аз соли таҳсили 2018/2019 мавриди истифода қарор гирифтанд. Соли 2019 Барномаи таълими фанни Алифбо ва матни ниёгон барои синфи 8 ва китоби дарсии Алифбо ва матни ниёгон барои синфи 8 таҳия ва нашр гардиданд. Баъд аз ин муҳимтарин хусусиятҳои китобҳои дарсии навро муҳаққиқ шарҳ медиҳад.

Боби 2-юми рисола "Масъалаҳои умдаи методикаи таълими алифбо ва матни ниёгон бо истифода аз роҳу усулҳои инноватсионӣ" унвон гирифта, аз 3 фасл иборат мебошад.

Фасли якум "Таҳлили таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ ва хоричӣ оид ба масъалаҳои методикаи таълими забонҳо" унвон гирифта, сухан рочеъ ба методикаи таълими забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ меравад. Аввалан, бояд зикр гардад, ки алифбои ниёгон омӯзиши забони алоҳида нест, аз ҷониби дигар, ин омӯзиши фақат алифбои дигар ба маънии сирф овозу ҳарф нест, зеро дар баробари таълиму омӯзиши овозу ҳарфҳои алифбо баъзе қоидаҳои вобаста ба он низ бояд ба назар гирифта шаванд. Ба ақидаи муҳаққиқ ҷиҳати дигари масъала он аст, ки усулҳои таълиме, ки дар кишварҳои ҳамсояи Эрону Афғонистон ба роҳ монда шудаанд, то кадом андоза дар таълими алифбои ниёгон барои тоҷикон метавонанд, қобили қабул бошанд. Инчунин ба он назар аст, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ доир ба тарзу усулҳои таълими ин фан таҳқиқоти бунёдие сурат нагирифтааст.

Хулосаи диссертант доир ба ин андешаҳо чунин аст, ки дар муайян намудани самараноктарин роҳу усулҳои таълими фанни Алифбои ниёгон мо бо такя ба таҷрибаи таълими он дар кишварҳои ҳамсоя, баҳрабардорӣ аз китобҳои дарсии мавҷуда барои зинаҳои гуногуни таҳсилот дар Тоҷикистон ва ҳамчунин маводди методиву таҳқиқотие, ки доир ба методикаи таълими забон анҷом гирифтаанд, методҳои самараноки таълим ва омӯзиши фанни Алифбои ниёгонро дар муассисаҳои таълимии кишвар эҷодкорона мураттаб намоем.

Фасли дуюми боби 2-юм "Методҳои инноватсионии таълими ҳарфу овозҳо" унвон гирифта, дар он бевосита методҳои таълими фанни "Алифбо ва матни ниёгон" ва дар атрофи масъалаҳои муҳим, аз қабили омӯзиши ҳарфу овозҳо (таносуби ҳарфҳои муттасила ва мунфасила дар омӯзиши ҳарфҳо; таносуби ҳарфҳои хоси форсӣ ва арабӣ дар омӯзиши алифбо; роҳҳои омӯзиши ҳарфҳои бисёрвазифа; роҳҳои омӯзиши овозҳое, ки бо якчанд ҳарф ифода меёбанд, методҳои таълими қоидаҳои имло (қоидаҳои имлои ҳарфу овозҳои ҷудогона; қоидаҳои имлои сохтории калимаҳо ва ибораҳо) сухан меравад.
Инчунин диссертант ба гурӯҳи дуюм (қоидаҳои имло)-ро ба зергурӯҳҳои тақсим намуда, иброз медорад, ки қоидаҳои имлои калимаҳо ва ибораҳои форсӣ/тоҷикӣ, қоидаҳои имлои калимаҳои арабӣ, ки асолати худро дар навишти форсӣ/тоҷикӣ нигоҳ доштаанд, қоидаҳои имлои калимаҳои иқтибосии ба истилоҳ русӣ-интернатсионалӣ шомил мекунад.

Фасли сеюми боби 2-юм "Методҳои инноватсионии таълими қоидаҳои имло" ном дорад, ки дар таҳқиқот ҳар яке аз ин масъалаҳо дар заминаи дастовардҳои навини таълим тайи солҳои охир, пеш аз ҳама, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим, ҳамаҷониба таҳлил гардида, равишҳои инноватсионии таълими ҳарфу овозҳо ва қоидаҳои имло таҳия ва пешниҳод гардидаанд. Зимни таҳияи методҳои таълим натанҳо ҷанбаҳои таҷрибавии ҷойдошта, балки заминаҳои илмии он низ баррасӣ гардида, дар муқоиса бо алифбои кириллии имрӯза ва қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ба назар гирифта шудаанд. Муҳаққиқ қоидаҳои имлоро вобаста ба баъзе ҳарфҳо шартан ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд, ки чунинанд: гуногуннависии ҳамон як овоз вобаста ба мавқеи истифода (дар аввал, мобайн ва охири калима), тарзи пайвасти ҳарфҳо ба ҳамдигар дар шаклҳои чопӣ ва дастӣ, лигатура (тарзи пайвасти ҳарфҳои "лом" ва "алиф", "коф"-у "гоф" бо "алиф" ва "лом"), пайвастшавии ҳарфҳо вобаста ба шаклҳои навишти онҳо (ҳарфҳои "син" ва "шин"), тафовути навишти ҳарфҳо вобаста ба навъи хат (масалан, насх ва настаълиқ). Инчунин ҳар яке аз ин гурӯҳҳо боз шарҳу возеҳ дода мешаванд. Қоидаҳои имло, дар навбати худ, ба ду гурӯҳи асосӣ – қоидаҳои имлои калимаву ибораҳои тоҷикӣ (бандаки изофӣ, артикли номуайянӣ ва ишоратии исм, бандакҳои хабарӣ ва феълӣ ва ғайра) ва қоидаҳои имлои калимаву ибораҳои арабӣ (аломати танвин, артикли "ал" ва ғайра) ҷудо гардида, ҳар кадом дар алоҳидагӣ ва дар муқоиса бо алифбои кириллӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.
Ба фикри диссертант яке аз масъалаҳои муҳим дар истифодаи алифбои ниёгон дар замони муосир дар Тоҷикистон масъалаи тарзи навишти калимаҳои ба истилоҳ русӣ-интернатсионалӣ аст, зеро дар ин масъала ба таҷрибаи кишварҳои ҳамзабон – Эрону Афғонистон такя кардан шарт нест. Маъмулан, дар Эрон чунин калимаҳо аз забони форсӣ ва дар Афғонистон аз забони англисӣ ворид гаштаанд ва табиист, ки дар навишти онҳо хусусиятҳои овоии ин забонҳо ба назар гирифта шудааст. Муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки тарзи талаффуз ва навишти чунин калимаҳо ба табиати забони тоҷикӣ мувофиқ гардонида шуда, қоидаҳои навишти худро доир ба ин калимаҳо дошта бошем.

Боби 3-юм "Такмили таълими алифбо ва матни ниёгон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим" унвон гирифта, 3 фаслро дар бар мегирад ва дар се фасли ин боб сухан дар бораи методҳои

инноватсионӣ меравад. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки ин фан хосси фақат муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ва он ҳам муассисаҳои таълимии тоҷикӣ буда, ба ин маъно дар ҳеҷ кишвари дигар таҷрибаи таълими он мушоҳида намешавад. Сониян, ин фанро дар гурӯҳи фанҳои филологӣ ва забонӣ дохил кунанд ҳам, дар таълими ин фан омӯзиши забони муайян дар назар дошта намешавад. Он омӯзиши навъи дигари алифборо дар назар дорад, ки зарурати онро табдили алифбо бар асари ҳодисаҳои сиёсии нимаи аввали қарни гузашта ва аз ҷониби дигар ба истиқлолияти давлатӣ ноил гардидани Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-ум ба миён овардааст. Ба акидаи муаллифи рисола татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими ин фан дар назди муаллифони китобҳои дарсӣ ва маводи методӣ, мутахассисон ва омӯзгорон вазифаҳои мушаххасро ба миён мегузорад. Ба фикри ӯ таҳлили салоҳиятҳои умумӣ, ки имрӯз аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудааст, аз мутахассисону муаллифони маводи таълимӣ таҳия намудани салоҳиятҳои фаннӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои самараноктари таълимро тақозо менамояд.

Инчунин муҳаққиқ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои таълими ин фанро алоқамандии қавии ҷараён ва мақсади таълим бо фанҳои дигар, пеш аз ҳама, забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик меҳисобад. Ба назар гирифтани дониши заминавии хонандагон аз забони тоҷикӣ ва дар сурати зарурӣ таквият додани он барои рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва худомӯзӣ мусоидат мекунад. Аз ҷониби дигар, дониши заминавии хонандагон аз фанни адабиёти тоҷик барои осонтар аз худ кардани нозукиҳо ва малакаҳои хониш ва навиштан ёрии амалӣ мерасонад, зеро алифбои арабиасоси тоҷикӣ маҳз дар заминаи матнҳои адабиёти пурғановати тоҷик омӯзонида мешавад.

Диссертанд ба он ақида аст, ки дар шароити кам будани миқдори соатҳои таълимӣ, маъмулан зиёд будани шумораи хонандагон дар як синф ва ба кор ҷалб шудани омӯзгорони ихтисосҳои дигар барои таълими фанни алифбои ниёгон, баланд бардоштани сифати таълим, дастгирии ҳамаҷонибаи омӯзгорон зарур аст. Инчунин роҳҳои дастгирии омӯзгоронро муҳаққиқ ба таври зерин нишон додааст:

1. Ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим;

2. Таҳияи маводи аёнӣ ва методӣ, дастраси омӯзгорон намудани онҳо, таъсиси синфхонаҳои фаннии мучаҳҳаз аз ин фан;

3. Ташкили курсҳои муназзами такмили ихтисоси омӯзгорон дар ҳамбастагӣ бо курсҳои такмили ихтисос аз забон ва адабиёти тоҷик;

4. Ба роҳ мондани тайёр кардани омӯзгорони ин фан дар ҷанби факултетҳои филологӣ ва шарқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

5. Таҳия, нашр ва дастраси китобхонаҳои мактабӣ гардонидани осори адибон бо хатти ниёгон.

Муҳаққиқ барои густариши таҷрибаи пешқадами омӯзгорони соҳитаҷриба ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорони ин фан ташкил ва гузаронидани семинарҳои методиву омӯзиширо бо иштироки муаллифони китобҳои дарсӣ ва мутахасисони соҳа, курсҳои такмили ихтисосро низ ба мақсад мувофиқ медонад.

Натиҷа ва хулосаҳои пажӯҳиш низ эътимодбахш буда, манобеи илмӣ ва назарии ба мавзуи рисола иртиботдошта мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онҳо дар феҳрасти адабиёт бо риояи тартиби алифбо зикр гардидаанд.

Муваффақиятҳои кор зиёданд ва дар баробари ин бояд зикр кард, ки дар рисола баъзе нуқсонҳо ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо ба хотири беҳбудии сифати кор аст:

1. Дар банди объекти татқиқот бояд усулҳои салоҳиятнокии мактабҳои куҳнаи тоинқилобӣ низ дар мавриди объекти омӯзиш ба эътибор гирифта мешуд, ки сафи назар шудааст;
2. Дар номи боби якум доир ба даврахои таърихӣ (даврони шуравӣ ва замони истиқлолият) ишорае нест;
3. Таҳлилу стандартҳову барномаҳои таълимии алифбои ниёгон дар муқоиса бо барномаҳои омӯзишии забони форсиву дарӣ таҷдиди назар карда мешуд, на бо дастурҳои забони тоҷикӣ;
4. Масъалаҳои умумии методикаи таълим ва методҳои инноватсионии таълими алифбо ва матни ниёгон ном дорад, аммо дар фасл дар ягон ҷо дар бораи усули тъалими алифбои ниёгон ишорае нашудааст;
5. Дар масъалаи методҳои инноватсионии таълими ҳарфу овозҳо ва қоидаҳои имло фикру андеша намуда, боз ҳамон усули таълиме, ки то имрӯз дар дастурҳову воситаҳо буданд, онҳоро паси ҳам маълумот додаанд, дар бораи методҳои инноватсионии муосир, ки барои ёд гирифтан осон бошанд, маълумоти камтар овардаанд;
6. Дар баъзан ҳолат такрори фикр низ ба мушоҳида расид (масалан, солҳои мушкили 90-ум дар фасли якум ва дуюми боби якум).

7. Дар таҳияи рисола ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ ҷо-ҷо ба назар мерасад.

Ин камбудҳо қимати илмии рисоларо, ки дар сатҳи баланди илмӣ нигошта шудааст, ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунанд, ислоҳшавандаанд.

Рисола дар навиштани бахши усули таълим, дарсҳои матни классики факултети филологияи тоҷик, донишҷӯёни риштаи алифбои ниёгон, ҳамчунин барои муаллимони макотиби миёна ҳангоми гузаштан аз курси такмили ихтисос ёрӣ мерасонад. Аҳаммияти амалии кор низ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳое, ки унвонҷӯ нашр кардааст, ба муҳтавои рисола мувофиқ мебошанд.

Рисолаи номзадии Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи «Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим» кори анҷомёфта буда, ба талаботи рисоланависӣ, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дорад, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот), 13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Мудири кафедари забони
тоҷикӣ ва усули таълими
забон ва адабиёти тоҷики
факултети филологияи
ДМТ, дотсент Н. Каримов

Сурога: ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17, ДМТ
Тел: 918646938
Почтаи электронӣ: Nazruddin_Karimov@mail.ru

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев

01.12.22 с.